Нусха
аз қарори №11-и ҷаласаи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 25. 06.2019 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: 10 нафар аъзои кафедра, ки аз онҳо 2 нафарашон докторони илм 3 нафар дотсент, 2 нафар номзадҳои илм, як нафар муаллими калон ва 2к нафар асистент мебошанд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи кафедра гузаронида шавад.

РӮЗНОМА:

1. Баррасии диссертатсияи **Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович** дар мавзуи **«Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ.

ШУНИДА ШУД:

Ахбори раиси ҷаласа, номзади илми филология, дотсент Кучарова Н.А. оид ба баррасии диссертатсияи Атоев М.И шунида шуд. Иттилоъ дода шуд, ки ҳуҷҷатҳои довталаби дараҷаи илмӣ ва тақризи аз ҷониби роҳбари илмӣ пешниҳодшуда ба талаботи муқаррарғардида, ҷавобгӯ мебошанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ маъруза намуд. Баъд аз баромади муаллифи диссертатсия саволу ҷавоб сурат гирифт. Атоев М.И ба саволҳои профессор Ҷ. Саъдуллоев, дотсентон Н.Бозорзода ва Қ. Мухторӣ номзади илм Шукруллоев Б. ҷавоб дод.

Пас аз саволу ҷавоб баромади роҳбари илмӣ – доктори илми филология, профессор, Муродов М.Б. шунида шуд. Хулосаи роҳбари илмӣ мусбат буд.

БАРОМАД КАРДАНД:

Профессор Ҷ. Саъдуллоев, дотсентон Н.Бозорзода ва Қ. Мухторӣ ва муаллими калон Қ. Шарифзода дар баромадашон оид ба мубарамии мавзуъ, навгонии илмӣ ва арзиши назарию амалии кори диссертатсионии Атоев М.И. андешаҳои худро манзур намуда,

довталабро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ва диссертатсияи ӯро ба ҳимоя пешниҳод карданд.

Дар асоси хулосаҳои муҳокимакунандагон ва ҳуҷҷатҳои манзуршуда, дар ҷаласаи васеи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Доншгоҳи миллии Тоҷикистон

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович** дар мавзуи **«Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба шурои дифои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
2. Оид ба мубарамии мавзуъ, навгонии илмӣ, арзиши назарию амалии диссртатсияи Атоев М.И. ва натиҷагирию дастовардҳои ӯ **хулосаи ҷаласаи кафедра** дар муҳлати муайян пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа:
и/в мудири кафедраи матбуоти
факултети журналистика, дотсент Кучарова Н.А.

Котиби илмӣ:
номзади илми филология Шукруллоев Б.К.